**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назриявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар баробари давра ба давра рӯ ба тараққӣ ниҳодани соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, инчунин соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ низ бо талош ва назари хайрхоҳонаи давлату Ҳукумати мамлакат рушд ёфта, дар заминаи он имрӯзҳо вазъи хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ мутобиқ ба талаботи давр роҳандозӣ шудааст ва бомаром пеш меравад.

Дар ҷаҳони муосир аксарияти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, қайд менамояд муаллиф, шакли давлати иҷтимоиро ташкил намуда, дар қонунгузорӣ барои шаҳрвандон тамоми кафолатҳои иҷтимоиро муқаррар намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, расман дар бораи таъсиси давлати иҷтимоӣ эълон намуд. Вобаста ба ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи мардум кафолат дод ва мақсади қабули он пеш аз ҳама рушди устуворона ва пурқувват намудани ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ буд.

Таъминоти иҷтимоӣ доираи васеи аҳолӣ ва гурӯҳҳои мухталифро фаро мегирад. Дар миёни онҳо кормандони мақомоти корҳои дохилиро махсусан ҷудо кардан зарур аст, ки онҳо дар таъмини сулҳу субот дар кишвар, таъмини ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният, инчунин тартиботи ҷамъиятӣ нақши калон доранд ва ҳангоми дар иҷрои уҳдадориҳои хизматии худ ҳаёт ва ҳаёти аъзои оилаи худро зери хатар мегузоранд. Аз ин рӯ, ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба афзоиши самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат намуда, яке аз масъалаҳои мубрам мебошад, ки муҳиммияти илмию амалӣ дорад.

Дар душвортарин солҳои аввали истиқлол кормандони милитсияи Тоҷикистон суботу амнияти кишварро пуштибонӣ карда, дар сафи пеши мубориза бар зидди ҷинояткорӣ қарор доштанд. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба шароити душвори иқтисодиву молиявӣ, сатҳи пасти маош, нарасидани озуқаворӣ, сару либос ва дигар лавозимоти зарурӣ, таъминоти сусти моддию техникӣ, инчунин вазъи хатарнок, ҳолати носолими руҳию ҷисмонии ҳайати шахсӣ нигоҳ накарда, вазифаҳои ба уҳдаашон гузоштаро сарбаландона иҷро намуда, баҳри расидан ба сулҳу Ваҳдати миллӣ, таҳкими Истиқлолият дар Тоҷикистон ва субот ҷасорату мардонагӣ нишон додаанд.

Самаранокии фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бе баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии кормандони он ғайриимкон аст. Масъалаи мазкур таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи илмиро талаб менамояд, ки аз ҷониби муаллиф, муайян карда шуда, пешниҳодҳои самаранок оид ба бартараф намудани онҳо, мувофиқи мақсад мебошад.

Аз таҳқиқоти пурра ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқӣ-илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар бар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Собирзода А.Ҷ. дар раванди тадқиқоти илмӣ як қатор нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили минбаъдаи қонунгузории Ватанӣ муҳим мебошанд. Номбурда таҳқиқоти рисолаи илмии худро дар доираи қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он, роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории ҷумҳуриро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки тадқиқотчӣ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст.

Автореферати диссертатсияи Собирзода А.Ҷ. таҳқиқоти мустақилонаи эҷодии илмии проблемаи мубрам: ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаи кори калони таҳқиқотии муаллиф мебошад.

Сохтори диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (сарчашма) иборат

мебошад, ки он ифодакунандаи комили ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро аниқ муайян мекунад.

Муҳтавои автореферати мазкур аз он далолат мекунад, ки таҳқиқотчӣ дар иҷрои вазифаҳои гузоштааш ба чунин мақсадҳо ноил гардидааст:

– маҳфумҳои асосӣ ва омилҳои махсуси моҳияти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таҳқиқ карда шудаанд;

– асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия дар марҳилаи аввали ташаккули он (солҳои 1917-1929) таҳлил карда шудааст;

– хусусиятҳои таҳаввули қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур дар давраи шуравӣ (дар ҳайати ИҶШС ба сифати ҷумҳурии иттифоқӣ будани Тоҷикистон), баррасӣ карда шудаанд;

– ташаккули қонунгузории ватанӣ дар соҳаи таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2023) таҳлил карда шудааст;

– сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ баррасӣ карда шудаанд;

– таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ омӯхта шудаанд;

– роҳҳои такмили механизми ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар рафти гузаронидани ислоҳоти давлатӣ муайян гардидаанд.

Новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масоиле ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии амиқи илмиро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

– Собирзода А. Ҷ. даврабандии асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз соли 1917 пешниҳод намудааст. Хуб мешуд дар боби якуми таҳқиқоти хеш оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандоне, ки вазифаҳои ниҳоди мазкурро то давраи соли 1917 иҷро мекарданд маълумот пешниҳод мегардид, ки онро комилтар менамуд;

Мулоҳизаи мазкур хусусияти тавсияviро доро буда, мазмун, мақсад ва моҳияти таҳқиқотро тағйир намедиҳад.

Аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Собирзода Аловуддин Ҷабор хангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва сохти илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафарбекзода Ҳ. С

**Имзои Сафарбекзода Ҳ. С. - ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
«_19_» ____10____ 2024 Исозода Т.И